## ҚАРОРИ

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 19 сентябри соли 2025, №69** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Сафаров Баҳром Гулматович, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Султонов Зубайдулло Султонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Сафаров Хуррам Абдусатторович - номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Шариф Р., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат,

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат – ро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.

**Котиби илмии**
шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Ф.К.

**19 сентябри соли 2025**